ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Самадова Мавзуна Тағоевна «Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ тавсия мешавад.

Адибони воқеъгаро дар ҳама давраҳо бо инъикоси ҳақиқати рӯз дар раванди ҳаводис таъсир гузошта, тавонистаанд, бо муътақид намудани ҷомеа маҳбубияту нуфузро соҳиб гарданд, ки дар ин радиф Тӯлқин Хоҷа истисно нест. Адиб дар чанд даҳсолаи фаъолияти эҷодӣ тавонистааст бо инъикоси авзои воқеии зиндагӣ, ҳам дар назм ва ҳам дар наср, муваффақ гардида, бо таҷаммӯи факту аснод, далелу арқом ва хулосаву ҳукмҳои возеҳ таърихи зиндагии як давраро дар маҳал нависад. Т.Хоҷа аз зумраи адибоне мебошад, ки осори қолабиву якнавохт надорад ва аз таҳқиқҳо бармеояд, ки аз пайи тамаллуқу тавсифҳои бепоя низ нарафтааст. Мавсуф аз ҷумлаи адибонест, ки фаъолият дар соҳаи рӯзноманигорӣ дар баробари пешаи омӯзгорӣ барояш имкон додааст, ки дар эҷоду ибрози андеша истиқлолияти бештарро бинобар дар фосила қарор надоштан аз зиндагии воқеии одамон соҳиб гардад.

Тӯлқин Хоҷа он публитсисти воқеиятбинест, ки дар ташаккули публитсистикаву назми иҷтимоӣ аз лиҳози мундариҷаву мавзӯъ, қолабҳои жанрӣ ва дигар аносири ҳунарӣ нақши возеҳ дорад, ки ба ин осори гаронмояааш гувоҳ мебошад. Чунин омилҳо нақши амиқу назаррас доштани Тӯлқин Хоҷаро дар пешрафти маърифату ҷаҳонбинии омма, ташхиси муаммоҳои ҳаёт, таҳаввули ҳаёти маънавӣ, муайян кардани равандҳои иҷтимоӣ, тарбияи маънавию худшиносии миллӣ, ҷанбаҳои ватандӯстиву инсонпарварӣ ва тарбияи эҷодкорони ҷавонон дар роҳи баёни ҳақиқат собит менамоянд.

Аҳамият ва арзиши илмии диссертатсия дар он аст, ки омӯзиши махсусиятҳои публитсистии осори Т.Хоҷа ташаккули марҳила ба марҳилаи касбияти эҷодкор ҳамчун як шахсияти таъсиргузор ба таҳаввулоти маҳал, моҳияти иҷтимоии осори публитсисти дар фазову муҳити музофот қарордошта, нақши боварбахшу даъватсози навиштаҳо дар роҳи ҳалли проблемаҳо, ҷойгоҳу мавқеи як адиб дар фазои маънавию иҷтимоии маҳал ва саҳми як адиби музофотӣ дар раванди инкишофу таҳаввули ҳаёти маънавию фарҳангиро собит менамояд.

Бо назардошти ин, мавзӯи таҳқиқи унвонҷӯ Самадова Мавзуна Тағоевна «Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа» саривақтӣ ва актуалӣ буда, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Дар пажӯҳиши мавзӯъ М.Самадова муносибати илмӣ намуда, таҳлилу ташхис, назару андеша, мубоҳисаву хулосаҳои таҳқикотиашро дар такя ба андешаҳои олимони соҳаи адабиёт ва публисистика бо асноду далелҳо асосноку исбот намудааст. Дар рисола бори аввал зиндагиву фаъолият ва осори Тӯлқин Хоҷа ҳам дар саҳифаҳои матбуот ва ҳам дар доираи китобу маҷмӯаҳои адиб ба таври фарогир ва дар алокамандӣ бо якдигар мавриди пажӯҳиш қарор дода мешаванд.

Таҳлилу таҳқиқи баъзе паҳлуҳои зиндагиву фаъолият, осори матбуотӣ, маҷмӯаҳои ашъори адиб ва умуман вижагиҳои эҷоди

публитсистии Тӯлқин Хоҷа дар самти пажӯҳишҳои публитсистикаи тоҷик иқдоми аввалин мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳо иборат аст. Бо назардошти ҳадафи таҳқиқ, бобҳои рисола мантиқан ҳамдигарро пурра мекунанд ва фаслҳо низоми фикри муҳаққиқро таъмин кардаанд. Дар шакли муназзам ифода кардани ҳадаф моҳияти мақсади пешгузошташударо ошкор кардааст.

Боби якум "Махсусиятҳои мундаричавию ғоявии насри публитсистии Тӯлқин Хоҷа" ном гирифта аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали ин боб, ки "Назаре ба зиндагии Т. Хоҷа ва шинохти ӯ ҳамчун адиб - публитсист" унвонгузорӣ шудааст, зиндагонӣ ва як навъ тарҷумаи ҳоли адиб баён гардидааст, ки чи гуна якбора баъди хатми мактаби миёна ва фаъолият дар истеҳсолот адиби ҷавон марҳила ба марҳила ба эҷодкории комил рӯ меорад. Дар фасли дуюми ин боб бо номи «Масъалаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии қишлоқ", таваҷҷуҳи Т.Хоҷа ба мавзӯъҳои кишоварзиву иқтисодӣ, ки дар осори ӯ ҷойгоҳи васеъ доранд, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар фасли сеюми боби аввал, ки "Муносибати адиб ба мавзӯоти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангу маориф" номгузорӣ шудааст, муҳаққиқ навиштаҳои фарогири мавзӯоти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиро таҳлил намуда, нақши устувори адибро дар таҳкими ҷомеаи маънавию фарҳангӣ нишон додан мехоҳад.

Боби дуввуми диссертатсия "Бозтоби авзои замон, муаммоҳои ҳаёт ва ҳақиқати зиндагӣ дар назми иҷтимоии адиб" ҳам аз се фасл иборат гардида, дар он баррасии хусусиятҳои назми иҷтимоии адиб дар фарогирии масъалаҳои иҷтимоиву маънавӣ, факту арқом ва воқеияти ҳаётӣ дар қолаби каломи мавзун ва мавқеи мушаххаси муаллиф дар назм мавриди муҳокимаву таҳлил қарор гирифтааст. Дар фасли аввали боби дуюм таҳти унвони "Инъикоси масъалаҳои ватандӯстӣ ва тараннуми дигар оҳангҳои иҷтимоӣ" таҳлилу омӯзиши ашъори публитсистии ба мавзӯъҳои ватандӯстӣ бахшидаи адиб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар фасли дигари ин боб бо номи "Мазмунҳои ғоявӣ дар офариниши образи публитсистӣ" диссертант ба ҳунари чеҳрасозиву образофаринии адиб дар назми иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, хосияти тавсифии образҳои офаридаи адибро мункир намегардад. Дар фасли сеюми боби мазкур зери унвони "Маърифати ҷомеа ва арзишҳои маънавии зиндагӣ дар осори манзуми адиб" масъалаҳои омӯзишу маориф, мактабу муаллим, маънавиёту фарҳанг ва дигар арзишҳои маънавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, чунин мавзӯотро муҳаққиқ хати асосии кашида дар назми иҷтимоии Т.Хоҷа мешуморад.

Боби сеюми диссертатсия, ки "Таносуби бадеияту воқеият ва доираи қолабҳои жанрӣ дар осори адиб" унвонгузорӣ шудааст, масъалаҳои омӯзиши сабку услуб, маҳорати нигорандагӣ ва корбурди жанрҳои публитсистиро дар эҷодиёти Т. Хоҷа фаро гирифтааст. Фасли аввали ин боб бо номи "Маҳорати образофаринӣ ва санъатҳои тасвири бадеӣ дар осори воқеъгароёнаи Т. Хоҷа" истифодаи унсурҳои ҷолибсозӣ ва ба таври бадеӣ баён кардани ҳақиқати замон мавриди баррасиву таҳлил қарор гирифта, Тӯлқин Хоҷа адибе дониста мешавад, ки дар пешниҳоди матлаб бо сабку услуби ҷолиб қолабшикан мебошаду диққати хонандаро ҷалб

менамояд. Дар ҳақиқат, ҳам дар назм ва ҳам дар наср, дар образҳои мусбати офаридаи адиб симои инсонҳои воқеиро мебинем, ки дар зиндагӣ мубориз мебошанд ва кору фаъолияти онҳо таҷассуми ғояҳои инсондӯстона ба ҳисоб рафта, руҳи маънавии қавиро соҳибанд. Дар фасли дуввуми боби сеюм, ки "Қолабҳои жанрии публитсистикаи адиб" номгузорӣ шудааст, истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар осори Т. Хоҷа мавриди таҳқиқ қарор гирифта, адиб он фарди комёби эҷодкор дониста мешавад, ки мушоҳидаҳои худро дар қолаби жанрҳои мақола, тақриз, лавҳа, луқма, очерк, памфлет, фелетон ва репортажҳои бадеӣ нозукона матраҳ намудааст.

Хулосаҳои таҳқиқоти М. Самадова ифодакунандаи мундаричаи диссертатсия буда, бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст. Автореферат ва маводи доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф - 5 маводи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, мазмуну мухтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Самадова М. Т. дар даврахои пажӯҳиши мавзӯъ худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос нишон дода, дар таҳқиқи мавзӯи илмӣ ҷиддӣ машғул шуд, бо роҳбари илмии худ дар робитаи доимӣ қарор дошт, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқ осори илмӣ ба нашр расонд, дар ҳамоишҳои илмӣ иштирок ва суханронӣ кард.

Диссертатсияи Самадова Мавзуна ТаҒоевна «Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа» кори баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология,
дотсент: **Қутбиддинов А. Ҳ.**

Суроҷа:
734025, хиёбони Рӯдакӣ, 18,
шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: adab-75@mail.ru

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э. Ш.**